ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 338.2 (575.3)
ТКБ: 65.9 (2) 29 (2Т)
М - 36

МАҲМАДУЛЛОЕВ АҲМАДҶОН САИДҶОНОВИЧ

ИНКИШОФИ ШАКЛҲОИ ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

(дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент)

ДУШАНБЕ - 2024

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Роҳбари илмӣ: **Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент

Муқарризони расмӣ: **Муқаддасзода Фирдавс Муқаддас** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муртазозода Ораз - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори Раёсати тадқиқоти масъалаҳои рушди соҳавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муассисаи пешбар: **Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Ҳимояи кори диссертатсионӣ санаи 07 сентябри соли 2024, соати 9:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17) баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «__»_____ соли 2024 фиристода шудааст.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., дотсент **Шамсов И.С.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот бо он муайян мегардад, ки дар шароити муосир принсипҳои асосии идоракунии ширкатҳои саноатӣ, бо назардошти тавсиаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва пайдоиши шаклҳои нави шарикии стратегӣ, бо тағйироти амиқ фаро гирифта шудаанд. Дар охири асри XX иқтисоди ҷаҳонӣ шакли худро ба низоми ягонаи глобалӣ бадал карда, сохтори меҳвараш дақиқан ҷудошудаеро ба миён овард. Ҷаҳонишавӣ ақидаҳои гуногунро дар бораи шаклу усулҳои идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ ба куллӣ тағйир дода, ба пайдоиши принсипҳои нави таъмини рақобат бо назардошти рушди шарикии стратегӣ мусоидат намуд. Рушди ширкатҳои фаромиллӣ дар кишварҳое мисли ИМА, Олмон, Ҷопон ва баъзе кишварҳои Аврупои Ғарбӣ нақши махсуси онҳоро дар рушди иқтисоди ҷаҳонӣ муайян намудааст. Муқаррар намудани омилҳо, тамоюлҳо ва дурнамои инкишофи низоми ягонаи ҷаҳонии иқтисодӣ, ҳам аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳам аз нуқтаи назари амалӣ, қобили таваҷҷуҳ буда, зарурати фаъолияти иқтисоди миллиро дар ин низом таъкид мекунад.

Дар шароити кунунӣ шаклҳои таъмини ҳамкории самарабахши субъектҳои бозор аҳаммияти махсус пайдо мекунанд. Ҷаҳонишавӣ ва афзоиши рақобат дар бозор боиси ҷустуҷӯи усулҳои самараноки ба даст овардани самараи синергетикӣ бо истифода аз татбиқи принсипҳои асосии шарикии стратегӣ гардид. Воқеан, шарикии стратегӣ шарти асосии ноил шудан ба параметрҳои рақобатпазирӣ дар бозорҳои хориҷӣ ва дохилӣ мегардад. Ин ҳолат омӯзиши мунтазами асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди шаклҳои муқарраршудаи шарикии стратегиро ҳамчун муҳимтарин самти идоракунии самараноки системаҳои иҷтимоию иқтисодӣ талаб менамояд.

Натиҷаи асосии ҷаҳонишавӣ тақсимоти ҷаҳонии меҳнат, муҳоҷират ва тамаркузи сармоя, қувваи корӣ, захираҳои истеҳсолӣ дар миқёси тамоми дунё, стандартизатсиякунонии қонунгузорӣ, равандҳои иқтисодӣ ва технологӣ, инчунин, ба ҳам наздикшавӣ ва пайванди фарҳангии кишварҳои мухталиф мебошад. Ин раванди объективиест, ки хислати системавӣ дошта, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад. Аз тарафи дигар, ин раванд – раванди ҳамгироии ширкатҳо дар асоси шарикии стратегӣ мебошад. Омили асосии муваффақияти корхонаҳои саноатӣ дараҷаи иштироки онҳо дар муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ бо назардошти ташаккули ҳамкории мутақобилан судманд бо дигар ширкатҳо мебошад. Имрӯз шарикии стратегӣ байни ширкатҳои саноатӣ дар шаклҳои гуногун инкишоф ёфта, омӯзиши ин падида бо назардошти интихоби шакли муносиби идоракунӣ дар замони муайян ва дар макони муайян аз аҳаммияти хос бархӯрдор мебошад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030) ноил гардидан ба саноатикунонии босуръати кишвар ба сифати яке аз ҳадафҳои асосӣ муайян шудааст. Қайд шудааст, ки имрӯз “...кишвар ба модели нави рушд ниёз дорад, ки он бояд дар ҷалби

сармоягузориҳо ва технологияҳои нав ба бахши воқеии иқтисодиёт, сиёсати шуғли пурмаҳсул, низоми молиявии ташаккулдиҳандаи захираҳо ва муҳимтар аз ин, ба фазои мусоиди сармоягузорӣ асос ёфта бошад. Маҳз ҳамин бахшҳо дар солҳои наздик сифати рушди минбаъда ва самтҳои ислоҳоти сохториро, ки ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи сарвати миллӣ иборат аз сармояи инсонӣ, табиӣ ва ҷисмонӣ, молиявӣ равона шудаанд, муайян мекунад. Модели нави рушд бояд афзоиши босуръати саноат, кишоварзӣ ва бахши молиявиро таъмин намуда, барои баромадан ба бозорҳои нави содиротӣ шароит фароҳам оварад, воридоти ғайрисамараноки истеъмолиро маҳдуд созад ва вобастагиро аз маблағҳои интиқолии муҳоҷирони меҳнатӣ коҳиш диҳад”[1]. Дар ин шароит инкишофи шаклҳои нави шарикии стратегӣ байни корхонаҳои саноатӣ бо назардошти идоракунии самарабахши ин раванд хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаҳои шарикии стратегӣ ва раванди он дар соҳаҳои иқтисодиёт ҳамеша дар маркази диққати олимону иқтисодчиёни ватаниву хориҷӣ қарор дорад. Асосҳои методии омӯзиши масъалаҳои шарикии стратегӣ дар равия ва таълимоти классикӣ, неоклассикӣ ва назарияи иқтисодиёти институтсионалӣ тасвир ёфтааст. Аҳаммиятнокии баланди назариявӣ, амалӣ ва идроки ҳалли проблемаҳои ташаккули стратегияи самараноки рушди корхонаҳои саноатӣ дар миқдори зиёди таҳқиқоти илмӣ дарҷ гардидаанд.

Масъалаҳои шарикии стратегӣ дар иқтисодиёти мамлакат ва минтақаҳои он дар кори муҳаққиқони ватанӣ, аз қабили А.А. Солиев, А.Қ. Комилов, Б.М. Ҷумаев, Г. Ҷурабоев, Г.Б. Бобосодиқова, Д.А. Ҳодиев, Д.Б. Қодирзода, Д.О. Қандиёрова, И.Р. Иброҳимзода, И.С. Шамсов, Қ.Қ. Давлатзода, Қ.Х. Хушахтзода, Л.Ҳ. Саидмурадов, М.Т. Каримова, Н.Қ. Қаюмов, Н.М. Собирзода, Н.Д. Шерова, О. Муртазозода, Р.К. Раҷабов, Р.К. Раҳимов, С.Ҷ. Комилов, Т.Б. Ғаниев, Т.Д. Низамова, Т.Ҷ. Усманова, Ф.А. Қодирзода, Ф.М. Муқаддасзода, Ф.С. Обидов, Ҳ.Р. Раҳимзода, Х.У. Умаров ва дигарон қисман таҳқиқ гардидаанд.

Дар ташаккул ва коркарди назарияи раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт саҳми як қатор олимони хориҷӣ низ бориз мебошад, аз қабили А.С. Филипенко, В.Р. Сиденко, Г.П. Мартин, Е.Е. Смирнова, И. Валерстайн, И.А. Кузнесов, Ҷ. Стиглитс, М. Сузуки, С. Гантингтон, Ф. Фукуяма, Ю.В. Макогон ва дигарон хизмат намудаанд.

Аммо барои таҳкими шарикии стратегии корхонаҳои саноатии кишвар норасоиҳои омӯзишии зерин бо чунин муаммоҳо мушоҳида мегарданд:

– таҳқиқоти назариявию методологии шарикии стратегӣ дар шароити иқтисодиёти озод;

– ҷудокунии омилҳои асосӣ ва таъсири онҳо ба фаъолгардонии шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ;

---

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – №392. – С.72.

– омӯзиши ҷанбаҳои танзими давлатии шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ.

Умуман, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба ҳол масъалаи назариявӣ-методологии ташаккулёбии шарикии стратегӣ, бо назардошти принсипҳои муносиб ба шароити ҷумҳурӣ, ба таври комил таҳқиқ нашудаанд. Ҳамаи ин мақсад ва масъалаи таҳқиқоти мазкур ва аҳаммиятнокии илмию амалии онро дар ҳалли масоили иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Алоқамандии мавзуъ ба барномаҳо (лоиҳаҳо) ё мавзуъҳои илмӣ. Зарурати густариши шарикии стратегӣ дар бахши саноат дар барномаҳои стратегии рушду инкишофи иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, барномаҳои давлатӣ ва стратегияи рушди соҳаҳои алоҳидаи саноат, аз ҷумла саноати сабук, саноати хӯрокворӣ, саноати вазнин, инкишофи корхонаҳои муштарак, барномаи кластерикунонии бахшҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ дарҷ гардидааст. Мавзуи кори диссертатсионӣ бо нақшаи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии муқаррароти назариявии рушди шаклҳои шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ ва таҳияи пешниҳоду тавсияҳои амалӣ оид ба густариши шарикии стратегии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошанд.

Вазифаҳои таҳқиқот. Дар мувофиқат бо мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин муайян ва ҳал карда мешавад:

– омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ;

– омӯзиши принсипҳо ва омилҳои асосии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ;

– арзёбии вазъият ва тамоюлҳои рушди шарикии стратегӣ дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили инкишофи шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои минтақа ҳамчун асоси ҳамкориҳои дуҷониба дар бахшҳои саноат;

– асоснокии самтҳои асосии рушди шаклҳои шарикии стратегии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳияи маҷмуи тадбирҳое, ки ба тавсеаи шарикии стратегии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ нигаронида шудаанд.

Объекти таҳқиқот механизмҳои густариши шаклҳои шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Мавзуи (предмети) таҳқиқоти диссертатсиониро маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки дар раванди густариши шаклҳои шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд, ташкил медиҳанд.

Фарзияи таҳқиқот. Густариши шаклҳои шарикии стратегӣ дар бахши саноатии иқтисодиёти Тоҷикистон ба суръатбахшии саноатикунонии кишвар, бо таваҷҷуҳ ба рушди корхонаҳои муштарак, ташаккули кластерҳо ва ташкили корпоратсияҳои бузург, ба иштироки сармояи хориҷӣ ва фаъол гардондани равандҳои сармоягузорӣ мусоидат хоҳад кард.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои классикони илми иқтисод, асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки масъалаҳои густариши шарикии стратегии корхонаҳои саноатиро мавриди омӯзиш қарор додаанд, маълумотҳои институтҳои таҳқиқотӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

Асосҳои методии таҳқиқотро принсипҳо ва усулҳои такмили механизмҳои ҳавасмандкунӣ ва тавсиаи шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисоди хурди кушод ташкил медиҳанд. Методологияи таҳқиқот истифодаи равиши диалектикии ташаккул ва татбиқи сиёсати саноатӣ, усулҳои таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, моделсозии математикӣ, инчунин таҳлили стратегии рушди корхонаҳои саноатиро дар бар мегирад, ки дар асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ таҳия шудаанд.

Марҳилаи таҳқиқот. Давраи иҷрои кори диссертатсионӣ солҳои 2018-2024 -ро фаро мегирад.

Сарчашмаи маълумот. Ба сифати сарчашмаҳои асосии маълумот санадҳои меъёриу ҳуқуқӣ, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллӣ, тавсияҳои пажуҳишгоҳҳои илмӣ, маводи назариявӣ ва таҷрибавии дар монографияҳои олимони ватанию хориҷӣ дарҷгардида, маводи конференсияҳо ва маҷаллаҳои илмӣ, маърӯзаҳо, маълумотҳои омории давлатҳои хориҷӣ, маводи бадаст овардашуда аз ҷониби муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот, инчунин захираҳои интернетӣ ва ҳисобҳои шахсии муаллиф хизмат намудаанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2018-2024 таҳия гардидааст;

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия дар асосноккунии муқаррароти назариявии рушди шаклҳои шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ ва таҳияи пешниҳоду тавсияҳои амалӣ оид ба густариши шарикии стратегии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ хулоса мешавад. Муқаррароти зерин аз хусусиятҳои навгонии илмӣ барҳӯрдор мебошанд:

– асосҳои назариявӣ ва методии рушди шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бо назардошти ба низом даровардани шаклҳо,

самтҳо ва шаклҳои шарикии корхонаҳои истеҳсолӣ, таъминкунандагон, муассисаҳои тиҷоратӣ ва илмӣ, ки ҳадафи асосии онҳо ба роҳ мондани ҳамкории мутақобилан судманд ва таъмини самараи синергетикӣ мебошад, муайян карда шудаанд, ки ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар муҳити дохилӣ ва берунӣ ва суръат бахшидан ба раванди саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ, дар заминаи фаъолсозии равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, мусоидат мекунад;

– принсипҳои асосӣ ва авомили муассир ба инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дастабандӣ гардиданд, ки имкон доданд, меъёрҳо, нишонаҳо, омилҳо ва шароити густариши шарикии стратегӣ дар ҷаҳони муосир муайян карда шаванд. Таърифи муаллиф оид ба мафҳуми шарикии стратегӣ пешниҳод шудааст, ки онро ҳамчун муттаҳидшавии ду ё зиёда ташкилот дар асоси шартнома (созишнома) ё бо роҳи ташкили сохтори нави ташкилӣ бо назардошти ноил шудан ба параметрҳои ҳамкории мутавозин ва муассир муайян менамояд, ки ба оптимизатсияи равандҳои ҳамгирой, баланд бардоштани рақобатпазирӣ, татбиқи самараноки иқтидори инноватсионӣ ва содиротӣ, бо нигоҳ доштани мустақилияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии онҳо, нигаронида шудааст;

– ҳолати кунунӣ ва тамоюлҳои инкишофи шарикии стратегӣ дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ гардид, ки имкон дод авомили муассир ба инкишофи бахши саноат, мушкилот ва монеаҳои рушди он, бо таваҷҷуҳ ба истифодаи ғайрисамараноки принсипҳои асосии шарикии стратегӣ, ошкор карда шавад. Моделсозии омилҳои муассир ба фазои касбу кор бо меҳварияти омили тағйирёбандаи «шарикии стратегӣ» дар асоси усули таҳлилӣ-омилӣ муҳосиба шудааст, ки рутбаҳои омилҳои таъсиррасонро ба шарикии стратегӣ дар муҳити фазои касбу кори кишвар инъикос менамояд;

– мушкилот/комёбиҳо ва дурнамо/оқибатҳои густариши шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа чун заминаи ҳамкориҳои дуҷониба дастабандӣ шудаанд, ки ҷиҳати фароҳам овардани фазои мусоиди густариши шаклҳои мухталифи шарикии стратегӣ дар бахши саноат мусоидат менамоянд;

– самтҳои асосии таҳкими шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба коркард ва татбиқи стратегияи инкишофи минбаъдаи корхонаҳои муштарак дар заминаи татбиқи мутавозини маҷмуи чорабиниҳои рушду инкишофи муҳити ниҳодӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангии фаъолияти онҳо пешниҳод гардидаанд, ки он имкон медиҳад, то ба фаъолияти сармоягузории онҳо дар татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ/воридвазнкунанда суръат бахшида шавад;

– модели иқтисодию риёзии ташаккули кластерҳо дар бахши саноат дар асоси рушди шарикии технологӣ байни корхонаҳо таҳия карда шудааст, ки он ҷиҳати расидан ба натоиҷи зерин муосидат мекунад:

✓ фароҳам оварадани шароити мусоиди шарикии технологӣ ҳамчун асоси кластеризатсияи корхонаҳои саноатӣ;

✓ фаъолсозии равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ дар самти истифодаи самараноки иқтидори табиии минтақаҳои кишвар дар шароити ташкили кластерҳо;

✓ ташаккули неруи кадрӣ дар бахши саноатии иқтисодиёт, ки қобилияти идора кардани кластерҳоро доро мебошад.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

– механизми ташаккулёбӣ ва инкишофи шарикии стратегӣ чун алоқамандии аносири умдаи он (принсипҳои асосӣ, шаклҳо ва самтҳои ҳамкорӣ, усулҳои баҳамоӣ) дар заминаи таъмини оқилонаи алоқамандии омилҳои институтсионалӣ ва инфрасохтории баҳамоии шарикон дар бахши саноат;

– принсипҳои асосии ташкил ва пешбурди шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва омезиши фарҳангҳои мухталиф, ки зарурати инкишофи фазои иттилоотиро бо таваҷҷуҳ ба густариши бемайлони иқтисодиёти рақамӣ ба миён меоварад ва аҳаммияти барқарор намудани робитаҳои мутақобилан судмандро байни ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар ростои таъмини рақобатпазирӣ ва эҷоди самараи синергетикӣ асоснок менамояд;

– ба низом даровардани мушкилот/дастовардҳо ва дурнамо/оқибатҳои густариши шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа ҳамчун заминаи ҳамкории мутақобилан судманд;

– модели баррасии омилҳои муассир бар густариши шарикии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси усули таҳлили омилӣ муҳосиба шуда, дараҷаи таъсири омилҳои фазои касбу корро ба раванди густариши шарикии стратегӣ бо таваҷҷуҳ ба раддабандӣ намудани омилҳои хеле муассир ва камтаъсир нишон медиҳад;

– алгоритми коркард ва татбиқи стратегияи инкишофи корхонаҳои муштарак, ки пайдарпайии барномарезӣ ва дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатро дар самти вусъат бахшидан ба фаъолияти корхонаҳои муштарак чун самти афзалиятноки шарикии стратегӣ бо таваҷҷуҳ ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инъикос менамояд;

– маҷмуи пешниҳодҳо, ки ба кластерикунонии бахшҳои афзалиятноки саноати кишвар бо таваҷҷуҳ ба фаъол намудани сохторҳои илмиву таълимӣ дар самти густариши шарикии стратегӣ, равона карда шудаанд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд назарияи менеҷменти корхонаҳои саноатиро дар шароити густариши равандҳои ҳамгироӣ бо ширкатҳои хориҷӣ ғанитар гардонанд. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар коркарди стратегияи давлатии рушди корхонаҳои саноатӣ, такмили низоми ниҳодҳои танзимкунандаи фаъолияти бурунмарзии корхонаҳои саноатӣ истифода бурд.

Ҳолатҳои асосноккардашуда ва хулосаҳо метавонанд дар фаъолияти қонунбарорӣ бо мақсади амалигардонии стратегияи дарозмуддати барномаҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар густариши шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ самаранок истифода шаванд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асосёфта дар ҷараёни таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мукаммалгардонии курсҳои омӯзишии «Менеҷмент», «Менеҷменти стратегӣ» «Асосҳои бизнеси байналхалқӣ», «Фаъолияти иқтисодии берунмарзии корхонаҳо», «Иқтисодиёти саноат» ва ғ. истифода шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси 6D050700 - Менеҷмент (6D050701 - Менеҷмент) иҷро гардида, бо бандҳои зерин мувофиқат менамояд: 10.4. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ; 10.8. Идоракунии системаҳои иқтисодӣ, усул (принсипҳо), шаклҳо ва методҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати системаи иқтисодӣ. Идоракунии тағйирот дар системаҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес; 10.15. Менеҷменти стратегӣ, методҳо ва шаклҳои амалисозии он. Муҳити дохилӣ ва берунии ташкилот. Раванд ва методҳои коркард ва татбиқи стратегия. Инкишофи шаклҳои стратегии ҳамшарикӣ. Муҳтаво ва методҳои назорати стратегӣ. Стратегияҳои корпоративӣ, муносибсозии андозаи ширкат ва ҳамгироии амудӣ, стратегияҳои гуногунсозӣ (диверсификатсия). Ташаккул ва идоракунии занҷираҳои офаридани арзиш. Рақобатпазирии бизнес. Ташкил ва нигаҳдории салоҳиятҳои калидӣ. Захираҳои стратегӣ ва қобилиятҳои ташкилотии ширкат; 10.16. Идоракунии ташкилот дар қаринаи бизнеси байналмилалӣ. Ташкил ва идоракунии ширкати байналмилалӣ. Бизнес-стратегияҳои байналмилалӣ. Паймонҳои байналмилалӣ ва шабакаҳои ширкатҳо. Якҷояшавӣ ва фурӯбарӣ дар бизнеси байналмилалӣ. 10.17. Идоракунии корпоративӣ. Шакл ва методҳои назорати корпоративӣ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсиониро довталаб мустақилона анҷом додааст. Муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда аз ҷониби муаллиф шахсан таҳия карда шудаанд. Муаллиф падидаи ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба шарикии иқтисодии корхонаҳоро таҳқиқ намуда, ҷанбаҳои назариявии рушди шаклҳои шарикии стратегиро баррасӣ намудааст, принсипҳо ва омилҳои асосии рушди шаклҳои шарикии стратегиро дар шароити ҷаҳонишавӣ

ошкор ва дар ин самт омилҳои асосии рушди шарикии стратегиро муайян намудааст, тавсеаи шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақаро асоси ҳамкориҳои дуҷониба дар бахшҳои саноат арзёбӣ намуда, роҳҳои густариши шарикии стратегии корхонаҳои саноатиро дар шакли таъсис ва рушди муштараки корхонаҳои саноатӣ асоснок ва пешниҳод намудааст.

Тасвиби кори таҳқиқотӣ. Натиҷаҳои асосӣ ва муқаррароти кори диссертатсия дар конференсияҳои илмиву амалии байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва семинарҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни солҳои 2018-2024 муҳокима ва пешниҳод гардидаанд. Дар робита ба натиҷаҳои таҳқиқот ва татбиқи онҳо аз Вазорати саноат ва технологияи нав ва аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санади татбиқ дарёфт шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Вобаста ба маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ 15 мақолаи илмӣ интишор гардидааст, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 220 номгу иборат аст. Диссертатсия 192 саҳифаи матни компютериро дар бар гирифта, аз 37 ҷадвал, 11 расм иборат мебошад.

ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи кор, объект, мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Дар боби якум - «**Ҷанбаҳои назариявию методологии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ**», падидаи ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба шарикии иқтисодии корхонаҳо баррасӣ гардидааст, ҷанбаҳои назариявии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ омӯхта шудаанд ва принсипҳои асосӣ ва авомили муассир ба инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳқиқ гардидаанд.

Дар боби дуюм - «**Таҳлили ҳолати кунунӣ ва тамоюлҳои инкишофи шарикии стратегӣ дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон**», инкишофи ширкатҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ таҳлилу арзёбӣ гашта, густариши шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа чун заминаи ҳамкориҳои дуҷониба дар бахшҳои саноат баррасӣ гардидааст ва омилҳои муассир бар густариши шарикии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастабандӣ шудаанд.

Дар боби сеюм - «**Самтҳои асосии таҳкими шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**», стратегияи густариши шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ дар шакли бунёд ва инкишофи корхонаҳои муштарак баррасӣ гардида, шарикии стратегии ширкатҳои

саноатӣ дар заминаи бунёди кластерҳои минтақавӣ бо таваҷҷуҳ ба густариши шарикиҳои технологии онҳо таҳқиқ карда шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти кори илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Дар шароити муосир яке аз омилҳои асосии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ мизони боз будан ва ҳамкории самарабахши онҳо бо ширкатҳои байналмилалӣ мебошад. Ҳамкории корхонаҳои саноатӣ бо субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ, чи дар бозорҳои ҳоричӣ ва чи дар бозорҳои дохилӣ, омили муҳимми таъмини бартарияти рақобатии онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ мегардад. Ҳолати мазкур мунтазам омӯхтани усулҳо ва шаклҳои идоракунии корхонаҳои саноатиро бо назардошти вусъат бахшидан ба шаклҳои шарикии стратегӣ дар асоси такмили низомҳои идоракунии фаъолияти иқтисоди беруна тақозо менамояд. Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки ҷаҳонишавии иқтисодиёт боиси ба ҳам наздик шудани субъектҳои хоҷагидорӣ дар шакли густариши шарикии стратегии онҳо гардидааст. Дар воқеъ, ҷаҳонишавӣ ҳамчун омили сабабу оқибати тавсиаи шарикии стратегӣ байни субъектҳои хоҷагидор, новобаста ба ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва мансубияти соҳавии онҳо, баромад мекунад. Дар робита ба ин, фаҳмиши нави назариявии падидаи ҷаҳонишавӣ дар ҳошияии густариши шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ ҳамчун роҳи ҷалби онҳо ба муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва таъмини рақобатпазириашон бо назардошти ҷалби сармоягузориҳо ва навоварӣ, аҳаммияти махсус пайдо менамояд.

Дар баробари ин, интихоби дастгоҳи методии мувофиқ ҷиҳати оптимизатсияи идоракунии корхонаҳои саноатӣ дар заминаи густариши равандҳои ҳамгиройӣ хеле муҳим арзёбӣ гашта, метавонад ҷиҳати таъмини ҳамкории уфуқӣ ва амудии бисёрсоҳавӣ бо таъминкунандагон, ширкатҳои нақлиётӣ, логистикӣ, тақсимкунандагон, рақибон, ҷонибҳои манфиатдор ва дигар субъектҳои бозор заминаи мусоид фароҳам оварад.

Бо баррасии муҳтавои таҳқиқоти олимон дар ин самт метавон ба хулосае омад, ки дар шароити муосир рақобати байни кишварҳо ба таври назаррас шиддат ёфта, равандҳои тақсимоти байналхалқии меҳнат бо назардошти шарикии технологии субъектҳо густариш пайдо намуда истодааст. Дар баробари ин, нақши давлат ҳамчун ҳалқаи асосии пайвандгари муносибатҳои байналмилалӣ суст гардид. Ширкатҳои бузурге ба вуҷуд омаданд, ки метавонанд ба рушди тамоюлҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва этномаданӣ ҷиҳати наздикшавии низомҳои иқтисодӣ таъсир расонанд. Дар баробари ин, ширкатҳои трансмиллӣ ба низоми махсуси рушди шарикии стратегӣ байни субъектҳои гуногуни муносибатҳои иқтисодӣ табдил ёфтанд.

Дар натиҷаи вусъат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ, аз қабили рушди технологияҳои иттилоотӣ, логистика, долонҳои нақлиётӣ, фаъолгардонии равандҳои сармоягузорӣ, роҳандозии шарикии стратегӣ ва ғайра, як қатор тағйиротҳои мусбате ба вуҷуд омаданд, ки

муҳимтаринашон паст шудани нархҳо, дастрасии умумӣ ба молу хадамот аз нуқтаҳои мухталифи ҷаҳон, бунёди роҳу воситаҳои гуногуни пардохт ва амсоли он мебошад. Ба шарофати ҷаҳонишавӣ ширкатҳо тавонистанд молу хидматҳои худро дар ҷои лозима ва дар вақти лозима пешниҳод кунанд. Албатта, муҳимтарин бартарии раванди ҷаҳоншавии иқтисодӣ дар иштироки озоди ҳамаи кишварҳо дар савдои ҷаҳонӣ ифода меёбад, ки ин ба тавсеаи шарикии стратегии байни субъектҳои хоҷагидор мусоидат мекунад.

Дар диссертатисия қайд шудааст, ки ҷаҳонишавӣ ва шарикии стратегӣ бо ҳам алоқаманданд ва тамоюли мутаносиби рушд доранд. Дар баробари амиқтар шудани ҷаҳонишавӣ, шаклҳои шарикии стратегӣ васеъ мешаванд. Дар айни замон, рушди босуръати технологияҳои рақамӣ шаклҳои нави шарикии стратегиро, ки ба ҳамкории шабакавии байни субъектҳо асос ёфтааст, ба миён овардааст. Ҳамзамон, пайдоиши шаклҳои нави шарикии стратегӣ ба зарурати ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ, ки ба дарёфти бартариҳои рақобатӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии ҳам созмонҳои алоҳида ва ҳам иқтисодиёт нигаронида шудаанд, вобаста аст.

Дар диссертатсия принсипҳо ва омилҳои асосии рушди шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дастабандӣ гардиданд, ки он имкон медиҳад, то меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, омилҳо ва шароити густариши шарикии стратегӣ дар шароити муосир муайян карда шаванд. Ҳамзамон, дар шароити кишварҳои рӯ ба тараққӣ шарикии стратегӣ байни ширкатҳои саноатӣ асосан дар шакли корхонаҳои муштарак, инчунин ташаккули кластерҳо инкишоф меёбад. Шарти асосии рушди шарикии стратегӣ дар кишварҳои рӯ ба инкишоф тадбирҳо оид ба фароҳам овардани муҳити озоди рақобат, ташаккул ва татбиқи сиёсати самараноки инноватсионӣ ва сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад, ки он ба рушди шаклҳои самарабахши шарикии стратегӣ, аз қабили синдикатҳо, консорсиумҳо, конгломератҳо, иттиҳодияҳо ва ғайра мусоидат мекунад. Дар баробари ин, муҳимтарин вазифаи идоракунии корхонаҳои саноатӣ таъсиси низоми чандири вокуниш ба мушкилоти муҳити беруна, бо назардошти ба даст овардани самараи синергетикӣ аз равандҳои ҳамкорӣ бо шарикон, мебошад. Механизми идоракунии ин равандро ба таври зерин ифода кардан мумкин аст (расми 1).

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки ҳама шаклҳои шарикии стратегӣ аз нигоҳи фароҳам овардани шароити беҳтарини ҳамкориҳои мутақобилан судманди ҷонибҳо дар чаҳорчӯби сохторҳои муттаҳидшуда бартарӣ ва нуқсонҳои худро доранд. Бартарии мутлақи шарикии стратегӣ эҷоди таъсири синергетикӣ аз ҳамкории ду ё зиёда тарафҳо мебошад. Зиёда аз он, дар ҳолатҳои мушаххас миқёс ва оқибатҳои бартарият ва камбудиҳои шаклҳои алоҳидаи шарикӣ мутафовитанд. Вобаста ба ин, зарурати таснифи шарикии стратегӣ бо назардошти хусусиятҳои инфиродӣ ба миён омадааст, ки ба рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар шароити мушаххас мусоидат мекунанд. Дар баробари ин, намудҳои маъмултарини шарикии стратегиро метавон аз рӯи заминаҳои наздикии ҷуғрофӣ, мансубияти соҳавӣ ва алоқамандии технологӣ мушоҳида намуд.



Расми 1. Механизми ташаккулёбӣ ва инкишофи шарикии стратегӣ

Дар кор ба вижагиҳои самтҳои амудӣ ва уфуқии рушди шарикии стратегӣ таваҷҷуҳи хосса дода шудааст. Ҳамзамон, зикр мегардад, ки ин ду самти шарикии стратегӣ ба ҳам зич алоқаманданд ва омезиши оптималии онҳо самаранокии лоиҳаҳои ҷориро дар доираи ташаккули сохторҳои муттаҳидшуда муайян мекунанд. Ҷанбаи дигари муҳимми омӯзиши шарикии стратегӣ шакли зуҳури он дар шакли иттиҳодияҳои илмӣ, иҷтимоӣ, таълимӣ, сармоягузорӣ ва экологӣ мебошад, ки хусусияти истифодаи сармояи муштаракро тавсиф мекунад (расми 2).



Расми 2. Ҷойгоҳи шарикии стратегӣ дар низоми муносибатҳои байнифирмавӣ

Ҳамин тариқ, шарикии стратегӣ чун раванди табиии таҳаввулоти ҳамкории иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ таъриф карда мешавад. Дар баробари мураккаб шудани ҳамкории субъектҳои хоҷагидорӣ шаклу усулҳои шарикии стратегӣ дар асоси рушди равандҳои ҳамгирой такмил меёбанд. Шарикии стратегӣ ба принсипҳои муайяне асос ёфтааст, ки он ба

баробарӣ, шаффофият, ошкорбаёнӣ ва шарикии мутақобилан судманди тарафайн асос ёфтааст. Ин принсипҳо ба ҳама намудҳои шарикии стратегӣ хос мебошад.

Дар диссертатсия афзудани нақши заминаҳои муайяни рушди шарикии стратегии байни ширкатҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳам дар сатҳи иқтисоди миллӣ ва ҳам дар сатҳи ҳамкории онҳо бо корхонаҳои саноатии кишварҳои дигар, қайд карда мешавад. Зарурати амалӣ гардондани мақсадҳои стратегии рушди кишвар боиси андешидани тадбирҳои қатъие гардид, ки ба саноатикунонии иқтисоди миллӣ нигаронида шудаанд. Дарвоқеъ, таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон ҳоло бештар бо ҳалли масъалаҳои саноатикунонии босуръати кишвар алоқаманд аст, ки он аз тавсеаи шарикии стратегӣ дар бахши саноати иқтисоди миллӣ зич вобаста мебошад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир тамоюли мусбати рушд дорад. Дар зарфи 8 соли охир шумораи корхонаҳои саноатӣ 492 адад ва ё 121,2% афзоиш ёфтааст. Ин дар ҳолест, ки ин давра ба давраи буҳронҳои иқтисодию молиявӣ ва вазъияти ноороми Шарқи Наздик, инчунин татбиқи таҳримҳои иқтисодӣ алайҳи яке аз шарикони стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Федератсияи Русия рост меояд.

Ҷадвали 1.

ДИНАМИКАИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИЕ, КИ РУШДИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОНРО ТАВСИФ МЕКУНАНД

№	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2022 / 2015 (% / мар.)
I	2310	2043	1999	2161	2164	2283	2397	2802	121,2
II	16770	19650	23835	26362	29543	32143	38829	43025	2,5 мар.
III	81,2	80,9	86,8	85,6	84,2	84,3	85,3	86,3	106
IV	67,0	65,9	73,8	72,1	73,2	67,7	68,3	71,2	106
V	111,3	116,0	121,3	110,6	113,2	108,8	120,8	109,7	-1,6

Эзоҳ: I - шумораи корхонаҳои саноатӣ, воҳид; **II** - ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нарҳҳои с. 2022, млн. сомонӣ; **III** - шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, ҳазор нафар; **IV** - аз он коргарон, ҳазор нафар; **V** - шохисҳои истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта.

Муҳосибаи муаллиф дар асоси: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон //Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОПҶТ, 2023. – С. 9.

Таҳлил нишон дод, ки шохиси маҳсулоти саноатӣ назар ба солҳои гузашта мунтазам меафзояд. Дар давраи ҳисоботӣ шумораи миёнасолонаи коркунони саноат ва шумораи коргарони асосӣ 106% баробар афзудааст. Бо ибораи дигар гуем, корхонаҳо аз ҳисоби ҷорӣ намудани технологияи ҳозиразамон шумораи коркунони маъмуриро ихтисор кардаанд, ки ин ба баланд шудани самараи истеҳсолот мусоидат мекунад.

Динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бошад, дар соҳаҳои асосии саноат дар давраи ҳисоботӣ бо суръати тез инкишоф ёфтааст (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2.

ДИНАМИКАИ ҲАҶМИ МАҲСУЛОТИ САНОАТӢ АЗ РӮЙИ СОҲАҲОИ АСОСИИ САНОАТ

млн. сомонӣ

№	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2022 / 2015 (% / мар.)
I	3482	3690	4304	4900	5399	7089	7608	10383	2,9
II	1292	1520	2354	2479	2636	2870	4096	4720	3,6
III	41	49	57	63	71	91	120	137	3,3
IV	77	103	119	138	148	142	125	147	190
V	143	115	142	241	260	182	210	272	190
VI	52	62	79	105	127	87	123	77	148
VII	86	95	107	147	154	182	268	439	5,1
VIII	61	86	157	200	265	291	390	524	8,6
IX	1201	1655	2091	2298	2593	2713	2856	2924	2,4
X	1450	1850	2187	2708	3874	4978	5967	6093	4,2
XI	93	114	142	203	308	291	392	588	6,3
XII	28	30	37	38	117	138	158	193	6,9
XIII	2549	2718	3729	5688	6808	7527	8107	7622	2,9

Эзоҳ: I. истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ аз он нӯшокиҳо ва тамоку; **II**. истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ; **III**. истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол; **IV.** коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб; **V**. истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр; **VI**. истеҳсоли маҳсулоти нафт; **VII**. истеҳсоли кимиёвӣ; **VIII.** истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ; **IX**. истеҳсоли ҳар гуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ; **X**. истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ; **XI**. мошинсозӣ; **XII**. ҳар гуна соҳаҳои саноат; **XIII**. истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ.

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумоти омори Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОПҶТ, 2022, 2023. – С. 14-15. аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Афзоиши назаррас дар истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ мушоҳида мешавад (8,6 баробар ва бештар), ки бо рушди ҳамкориҳои стратегии корхонаҳои саноатӣ ва ширкатҳои чинӣ алоқаманд аст. Дар байни нишондиҳандаҳое, ки дар ҷадвали 2 оварда шудаанд, танҳо дар як маврид (истеҳсоли маҳсулоти нафту кимиё) афзоиши нокифоя ва тамоюли ноустувори ҳаҷми истеҳсолот мушоҳида карда мешавад. Мутаассифона, як қатор созишномаҳои байнидавлатӣ, ки хусусияти шарикии стратегӣ доранд ва ба гузаронидани корҳои иктишофии геологӣ бо мақсади ҷустуҷуи конҳои нафту газ ва коркарди минбаъдаи онҳо нигаронида шудаанд, пурра иҷро нашудаанд, ки ин аз осебпазирии принсипҳои асосии рушди шарикии стратегӣ дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, гувоҳӣ медиҳад.

Дар давраи аз соли 2015 то соли 2022 ҳиссаи арзиши иловагии саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 15,1% то 17,0% афзудааст. Дар байни солҳои 2015 ва 2021 (23%) афзоиши нисбатан босуръат мушоҳида мешавад. Шумораи коргарон дар ҳамаи соҳаҳои саноат 106% баробар зиёд гардид. Истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ 6 баробар, истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм 2,5 маротиба, истихроҷи масолеҳи ғайриэнергетикӣ 2 баробар, ҳар гуна соҳаҳои саноат 2,2 маротиба мушоҳида мешавад. Бешубҳа, ин самараи мусбати натиҷаи созишномаҳои байнидавлатӣ дар бораи барқарор кардани шарикии стратегӣ бо кишварҳое, чун Чин, Русия, Қазоқистон, Туркия, Эрон, Узбекистон ва ғайра мебошад.

Шохиси ҳосилнокии меҳнат дар соҳаҳои саноат аз соли 2016 то 2022 58,9% афзудааст (ҷадвали 3). Аммо ин тамоюл дар солҳои гуногун бо мизони гуногун зоҳир шуд.

Ҷадвали 3.

ШОХИСИ
САМАРАНОКИИ МЕҲНАТ ДАР СОҲАИ САНОАТ

Солҳо	БА ҲИСОБИ ФОИЗ НИСБАТ БА СОЛҲОИ ГУЗАШТА (%)						
	2016	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**
2016	100	98,1	914,5	84,7	80,1	64,5	58,9
2017	101,9	100	93,2	86,3	81,6	65,7	59,9
2018	109,3	107,3	100	92,6	87,6	70,4	64,3
2019	118,0	115,9	108,0	100	94,6	76,1	69,4
2020	124,7	122,5	114,2	105,7	100	80,5	73,4
2021	155,0	152,3	142,0	131,4	124,3	100	91,2
2022	169,9	166,9	155,6	144,0	136,2	109,6	100

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумоти омори Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОПҶТ, 2023. – С. 20.

Чунин сатҳи нобаробари рушд аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ба корҳонаҳои саноати омилҳои муҳити беруна сахт таъсир мерасонанд, зеро каме тағйирёбии муҳити беруна ба суръат ва динамикаи нишондиҳандаҳои рушди саноат таъсири амиқ дорад. Рушди равандҳои ҳамгироӣ ҳамчун самти афзалиятноки шарикии стратегӣ дар бахши саноат метавонад

таъсири омилҳои берунаро ба таври назаррас коҳиш диҳад ва рушди устувори шохиси ҳосилнокии меҳнатро таъмин намояд.

Ин дар ҳолест, ки тамоюли мусбати афзоиши шумораи корхонаҳои саноатӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва бахшҳои мухталифи он дар соли 2022 (ҷадвали 4) имкони густариши шарикии стратегии корхонаҳои саноатиро фароҳам овардааст. Ҳамаи ин ба зарурати ташаккули муҳити институтсионалии рушди шарикии стратегӣ дар бахши саноати иқтисодиёти миллӣ таъкид мекунад.

Ҷадвали 4.

ШУМОРАИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ВА ҲАҶМИ МАҲСУЛОТ АЗ РӮЙИ СОҲАҲОИ САНОАТ ДАР СОЛИ 2022

	Шумораи корхонаҳо, воҳид		Ҳаҷми маҳсулот, млн. сомонӣ	
	А	**Б**	**А**	**Б**
I	2802	2318	43025	43025
II	303	291	8906	8906
III	2318	1927	43025	26497
IV	181	179	7622	7622

Эзоҳ: А - Ҳамагӣ бо саноати сектори ғайридавлатӣ; Б - Аз он ҷумла, дар баланси мустақил қарор доранд; **I** - Тамоми саноат; II - Саноати истихроҷи маъдан; III - саноати коркард; IV - Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об.

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумоти омори Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОПҶТ, 2023. – С. 14-15.

Дар диссертатсия зарурати густариши ҳамкориҳои иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳои минтақа, инчунин бо кишварҳои дорои нуфузи қавии иқтисодӣ махсус қайд шудааст (ҷадвали 5). Дар соли 2023 дар содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қазоқистон дар ҷои аввал (22,6%), Чин дар ҷои дуюм (17,2%) ва Туркия дар ҷойи севум (8,4%) қарор доранд. Таҳлил нишон дод, ки айни ҳол манофеи миллии Тоҷикистон дар муҳити беруна асосан тавассути сиёсати «дарҳои боз» амалӣ мешавад. Он доираи шарикони Тоҷикистонро васеъ намуда, барои таъмини иштироки васеи кишвари мо дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Дар сохтори воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷои аввал Русия (30,7%), дар ҷойи дуввум Қазоқистон (18,5%) ва дар ҷойи сеюм Чин (16,3%), қарор доранд. Маҳз ҳамин кишварҳо шарикони стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақа маҳсуб мешаванд. Агар амиқтар таҳлил кунем, бо назардошти як қатор омилҳо муҳимтарин шарики стратегии Тоҷикистон кишвари Узбекистон буда, иқтидори ҳамкориҳо бо он, бахусус дар соҳаҳои мухталифи саноат, аз ҳама бештар аст.

Ҷадвали 5.

ҲИССАИ КИШВАРҲОИ ШАРИК ДАР СОХТОРИ САВДОИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 2017-2022

Кишварҳои шарик	№	млн. долл. ИМА						%						Ҷой					
		2017	2018	2019	2020	2021	2022	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2017	2018	2019	2020	2021	2022
Қазоқистон	I	324,3	299,9	218,2	152,2	360,1	483,9	27,1	27,94	18,57	10,8	16,8	22,6	1	2	2	2	1	1
	II	514,6	536,6	739,3	757,5	818,5	957,3	18,5	17,03	22,07	24,0	19,4	18,5	3	3	2	2	2	2
Чин	I	35,4	57,1	55,5	34,4	159,6	368,3	8,3	5,32	4,72	2,4	7,4	17,2	8	5	5	6	4	2
	II	556,3	594,1	605,5	438,4	679,7	841,7	20,0	18,85	13,9	18,07	16,1	16,3	2	2	3	3	3	3
Туркия	I	233,2	276,5	233,8	203,0	232,2	179,6	19,5	25,76	19,90	14,4	10,8	8,4	2	2	1	1	2	3
	II	105,4	124,9	143,5	119,6	158,3	171,6	3,8	3,96	4,28	3,8	3,8	3,3	5	5	5	5	5	5
Узбекистан	I	57,1	155,3	172,0	83,5	129,6	178,3	4,8	14,47	14,64	5,9	6,0	8,3	6	3	3	3	3	4
	II	69,3	133,2	190,2	250,2	318,2	377,0	2,5	4,23	5,67	7,9	7,6	7,3	6	4	4	4	4	5
Эрон	I	30,4	35,2	18,1	9,4	38,9	114,4	2,5	3,28	1,54	0,7	1,8	5,3	10	7	7	10	6	5
	II	61,4	62,1	46,2	48,3	82,0	123,8	2,2	1,97	1,37	1,5	1,9	2,4	7	8	8	8	8	7
Русия	I	32,1	55,2	44,3	41,0	72,5	88,2	2,7	5,14	3,77	2,9	3,4	4,1	9	6	6	5	5	7
	II	903,8	967,9	1009	932,6	1280	1585	32,6	30,72	30,13	29,6	30,4	30,7	1	1	1	1	1	1
Италия	I	16,0	16,1	11,0	15,4	10,6	15,0	1,3	1,50	0,93	1,1	0,5	0,7	14	10	10	7	9	8
	II	17,8	36,0	34,5	22,8	22,4	27,9	0,6	1,4	1,03	0,7	0,5	0,5	-	14	13	13	14	12
Покистон	I	16,7	10,1	10,4	14,2	15,2	3,1	1,4	0,94	0,88	1,0	0,7	0,6	13	12	11	8	8	9
	II	24,6	52,4	45,9	11,5	17,1	19,4	0,9	1,66	1,37	0,4	0,4	0,4	13	9	9	14	10	13
Қирғизистон	I	10,9	14,1	11,4	9,6	5,3	1,2	0,9	1,31	0,97	0,7	0,2	0,1	16	11	9	11	11	11
	II	37,9	48,2	42,8	27,2	20,5	13,8	1,4	153	1,27	0,9	0,5	0,3	9	10	11	11	13	14
Эзоҳ: **I – содирот; II – воридот.**																			

Муҳосибаи муаллиф дар асоси: Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОПҶТ, 2020, 2022, 2023. – С. 14-15.

Минбаъд бо мақсади вусъат додани шарикии стратеги дар соҳаҳои саноат, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои зерин диққати махсус додан лозми аст: ташкил намудани комиссияҳои муштарак; ифтитоҳи намояндагиҳои тиҷоратии ду кишвар; гузаронидани номоиши молҳои саноатӣ; рушди заминаи институтсионалии ҳамкорӣ дар соҳаи илму маориф, ташаккули заминаҳои инфрасохтории рушди соҳибкорӣ бо назардошти тавсеаи шарикии стратегии субъектҳои хоҷагидор ва ғайра. Муайян намудани квотаҳои давлатӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ва фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии ҳамкории ширкатҳои саноатии ду кишвар бо назардошти татбиқи принсипҳои шарикии стратегӣ низ аз аҳамияти хос бархурдор мебошад.

Ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистону Қазоқистон аз ибтидо дар фазои судманд ва ҳусни тафоҳум сурат гирифта, айни замон дар сатҳи баланди рушд қарор доранд. Дар вақти муҳокимаи масъалаҳои муҳимми дорои характери байналхалкӣ ва минтақавӣ мавқеи тарафҳо наздик ва ё якхела мебошад.

Саноати сабук, металлургияи ранга, энергетика, нақлиёт, коммуникатсия ва кишоварзӣ асоси ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Қазоқистонро ташкил медиҳанд. Сарфи назар аз ба даст овардани натиҷаҳои мусбат дар солҳои охир, иқтидори бузурги шарикии стратегӣ байни корхонаҳои саноатии Тоҷикистону Қазоқистон амалӣ нашуда боқӣ мемонад, ки ҷустуҷӯи минбаъдаи самтҳои ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманди ҳарду кишварро тақозо мекунад.

Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Федератсияи Русия мавқеи махсусро ишғол намуда, шарики асосии стратегӣ эътироф шудааст. Айни замон шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар соҳаҳои энергетика, металлургияи кӯҳӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ ба таври барҷаста мушоҳида мешавад. Соҳибкорони тоҷик дар фазои иқтисодии Русия фаъолона ширкат доранд. Дар назар аст, ки дар оянда ширкатҳои русӣ дар бунёди нерӯгоҳҳои нави барқию обӣ, истихроҷи нафт, ангишт ва металлҳои қиматбаҳо ширкат варзанд.

Халқҳои Тоҷикистон ва Чинро риштаҳои чандинасраи ҳамдигарии иқтисодӣ ва маданӣ муттаҳид менамоянд. Пас аз ба даст овардани истиқлолият Тоҷикистон доираи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ҶМЧ хеле васеъ гардид. Тоҷикистон ва Чин бо назардошти ниёзҳои воқеии густариши равобити дуҷониба ва густариши босуръати ҳамкориҳои ду кишвар дар бахшҳои мухталиф дар мавриди роҳандозии равобити шарикии стратегии дуҷониба ба тавофуқ расиданд.

Дар ҳоли ҳозир корхонаҳои саноатии Чин ҳамчун сармоягузори аслӣ дар бахшҳои мухталифи маҷмааи саноатии Тоҷикистон фаъолият мекунанд. Маблағгузории Чин ба инфрасохтори нақлиётӣ ва энергетикии Тоҷикистон заминаҳои муносибро барои рушди ҳамкориҳои стратегии ширкатҳои саноатии ҳарду кишвар фароҳам кардааст. Дар баробари ин,

дараҷаи баланди менеҷменти ширкатҳои чинӣ барои ҳалли мушкилоте, ки дар марҳилаҳои ибтидоии ҳамкории иқтисодӣ ба миён меоянд, мусоидат мекунад. Нуқоти фавқуззикр омили асосии фаъолияти бомуваффақияти корхонаҳои муштарак бо иштироки шарикони чинӣ мебошад. Ҳаҷми сармоягузории Чин дар Тоҷикистон, бахусус дар бахшҳои кӯҳкорӣ ва нассоҷӣ, энергетика, нақлиёт ва кишоварзӣ пайваста афзоиш меёбад. Қобили зикр аст, ки сатҳи баланди рақобатпазирии ширкатҳои чинӣ, таҷриба ва қобилияти мутобиқшавии онҳо дар вазъиятҳои гуногун ба рушди устувори шарикии стратегӣ байни корхонаҳои саноатии ҳарду кишвар мусоидат хоҳад кард. Дар баробари ин ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсоли якҷояи коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, аз ҷумла дар саноати сабук, хурокворӣ ва маъданӣ диққати махсус дода мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон бо итминон гуфт, ки дар Тоҷикистон барои густариши ҳамкориҳои стратегии ширкатҳои саноатӣ ва ширкатҳои кишварҳои хориҷи наздику дур заминаи мустаҳкам фароҳам оварда шудааст. Ба шарофати сиёсати оқилонаи давлат бо кишварҳои ҳамсоя ва як қатор давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ муносибатҳои нек барқарор гардиданд. Ин як фурсати бузург барои ширкатҳои саноатии кишвари мост, ки бояд дар сатҳу сифати зарурӣ барои роҳандозӣ ва густариши шарикии стратегӣ истифода шавад. Муҳим он аст, ки корхонаҳои саноатии кишвар фаъолияти иқтисодии хориҷии ҳудро дар самти таҳкими шарикии стратегӣ инкишоф диҳанд.

Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки шарикии стратегӣ мисли тамоми дигар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ дар зери таъсири омилҳои муайян инкишоф меёбад ва такмил меёбад ва ё ба мушкилоту монеаҳо дучор мегардад. Ҷиҳати ошкор намудани монеаҳои густариши шарикии стратегӣ модели риёзӣ муҳосиба карда шудааст. Барои муайян намудани омилҳое, ки ба тавсиаи шарикии стратегӣ таъсир мерасонанд, бояд як гуруҳи омилҳоеро, ки аз маҷмуи омилҳои рушди муҳити соҳибкорӣ дар кишвар бармеоянд, баррасӣ намуд. Омилҳои маҳдудкунандаи фазои соҳибкорӣ сиёсати нодурусти иқтисодӣ, ноустувории сатҳи макроиқтисодӣ, боҷҳои баланди андоз ва гумрукӣ, фасод, сатҳи маблағгузории бонкҳо, сатҳи ҷиноятқорӣ, тахассуси пасти захираҳои инсонӣ, низоми ғайриодилонаи судӣ, сиёсати нокифояи танзими бозори меҳнат, рушди сусти инфрасохторҳо мебошанд.

Намунаи омории ин тадқиқот ҳамаи ширкатҳои ғайридавлатие мебошанд, ки маҳсулоти худро дар соли 2022 содир кардаанд (Ҷадвали 6). Андозаи намуна бо истифода аз муодилаи Кохран ҳисоб карда шуд.

Фарзияҳои таҳқиқот: 1. Дар байни устувории муҳити тиҷорат ва нишондиҳандаҳои содиротии корхонаҳо робитаи мустақим вуҷуд дорад. 2. Байни шарикии стратегӣ ва нишондиҳандаҳои содиротии корхонаҳо робита вуҷуд дорад.

Дар марҳилаи аввал, робитаи устувории муҳити соҳибкорӣ ва нишондиҳандаҳои фаъолияти содиротии корхона ҳисоб карда шуд. Дар асоси дараҷаи аҳаммиятнокии санҷиши коррелятсияи Спирмен, ки камтар

аз 0,05 аст, мо ба хулосае омадем, ки фарзияи сифр рад ва фарзияи коррелятсия тасдиқ карда мешавад (коэффисиенти коррелятсия 0,86).

Ҷадвали 6.

ТАСНИФОТИ НИШОНДИҲАНДАҲО

Нишондиҳанда	Ширкат	Теъдод	Вазни қиёсӣ (%)	100 %
Андозаи ширкат	Хурд	76	31,5	+
	Миёна	148	61,5	
	Бузург	17	7	
Навъи фаъолият	Истеҳсол	65	27	+
	Тиҷорат	93	39	
	Хизматрасонӣ	83	34	
Собиқаи корӣ	Аз 1 то 3 сол	21	9	+
	4 то 6 сол	118	49	
	Аз 5 то 10 сол	54	22	
	Беш аз 10 сол	48	20	
Соҳаи фаъолият	Саноати хӯрокворӣ	31	13	+
	Саноати сабук	35	15	
	Гӯшту шир	56	23	
	Кӯҳкорӣ	43	18	
	Қисмҳои эҳтиётӣ	27	11	
	Дигар соҳаҳо	49	20	
Ҳаҷми содирот (долл. ИМА)	То 1 млн	112	46	+
	Аз 1 то 3 млн	82	34	
	Зиёда аз 3 млн	47	20	
Вуҷуди шарикони стратегӣ	Кам	88	36,5	+
	Хеле кам	60	25	
	Миёна	72	30	
	Зиёд	16	6,5	
	Хеле зиёд	5	2	

Яъне, байни муҳити тиҷорат ва фаъолияти содиротии ширкатҳо таносуби қавӣ вуҷуд дорад. Ҳамин тариқ, фарзияи аввалини таҳқиқот тасдиқ карда мешавад. Яъне байни устувории муҳити тиҷорат ва нишондиҳандаҳои содирот робитаи назаррас ва нисбатан қавӣ вуҷуд дорад. Дар марҳилаи дуюм робитаи шарикии стратегӣ ва нишондиҳандаҳои содиротии корхонаҳо ҳисоб карда шуд: омори Спирмен камтар аз 0,05 ва коэффисиенти коррелятсия бо 0,88 баробар аст. Яъне байни шарикии стратегӣ ва нишондиҳандаҳои содиротии ширкатҳо робитаи зич вуҷуд дорад.

Минбаъд мо таҳлили эконометрикии омилҳоеро, ки ба шарикии стратегии ширкатҳои содиркунанда таъсир мерасонанд, мегузаронем. Натиҷаҳои модели регрессия дар ҷадвали 7 оварда шудаанд.

Ҷадвали 7.

НАТИҶАҲОИ МОДЕЛИ РЕГРЕССИОНИИ ОМИЛҲОЕ, КИ БА ШОХИСИ УСТУВОРИИ ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ ТАЪСИР МЕРАСОНАНД

Омилҳои муассир ба шарикии стратеги	**Коэффи-циент**	**t-статистика**	**Ҳамбастагӣ**
Сифати маҳсулот	0,01***	4,3	0,37
Созишномаҳои гумрукӣ	0,0005***	3,75	0,18
Дастрасӣ ба иттилоот	0,008***	2,64	0,081
Таъминот ба ашёи хом	- 0,045***	3,86	0,22
Инкишофи фановариҳои иртиботӣ	0,003**	2,33	0,083
Дастгирии давлатии соҳибкорон	0,15**	2,01	-
Ҷаззобияти фазои сармоягузорӣ	0,007**	1,92	0,24
Муқаррароти танзимкунандаи содирот ва воридот	0,012**	4,3	0,37
Рушди низоми бонкӣ	0,0055**	3,75	0,18
Сатҳи тахассуси кадрҳои роҳбарикунанда	0,058**	2,64	0,081
Устувории қурби асъор	0,145**	2,01	-
Вуҷуди созишномаҳои стратегӣ ба кишварҳои ҳамкор	0,043**	2,33	0,083
Муқаррароти андозбандӣ	0,145**	2,01	-
F – Фишер	11,74***	-	1,7
R^2	0,28	-	0,44
Эзоҳ: ***, **, * мувофиқан, ҳамбастагиро дар сатҳи 10, 5 ва 1 нишон медиҳад.			

Аз рӯйи натиҷаҳои ин модел, дар байни тағирёбандаҳои мавриди омӯзиш қарордошта тағйирёбандаҳои сифати маҳсулот, меъёрҳои гумрукӣ, таъминоти ашёи хом, рушди технологияҳои коммуникатсионӣ ба густариши шарикии стратегӣ таъсири назаррас доранд, дар ҳоле ки тағйирёбандаҳои устувории пули миллӣ, мавҷудияти созишномаҳои стратегӣ ва дастгирии давлатӣ ба густариши шарикии стратегӣ таъсири камтар доранд.

Дар байни омилҳои баррасишуда омили «Созишномаҳои гумрукӣ» ба густариши шарикии стратегӣ бештар (14%) таъсир мерасонад. Мавқеи дуюмро омили «Санади меъёрие, ки фаъолияти содирот ва воридотро танзим мекунанд», ишғол мекунад. Омили «Дастрасӣ ба иттилоот» дар ҷои сеюм қарор дорад.

Дар диссертатсия самтҳои асосии рушди шарикии стратегии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд. Ҳамзамон, ба стратегияи густариши шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ дар шакли таъсис ва рушди корхонаҳои муштарак таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Агар дар соли 2002 шумораи корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 101 ададро ташкил дода бошад, пас дар соли 2021 ин рақам ба 624 адад расидааст ё 6,1 баробар афзудааст. Аммо дараҷаи самаранокии корхонаи муштарак, махсусан бо назардошти рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда то андозае нигаронкуннада боқӣ мемонад. Дар чунин шароит ба мақсад мувофиқ аст, ки дар шакли таҳия ва татбиқи Стратегияи рушди корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои мушаххас андешида шаванд.

Ҷанбаҳои методологии чунин стратегияро дар шакли алгоритм ба таври зайл тавсиф кардан мумкин аст (расми 3).



Расми 3. Алгоритми коркард ва татбиқи стратегияи инкишофи корхонаҳои муштарак дар ҶТ

